# ТАҚРИЗ

**Ба фишурдаи аспиранти кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Ҷӯраева Хубонгул Ёрмаҳмадовна дар мавзӯи «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои 18-19»**

Муаллифи рисола дар фишурдаи худ бе восита дар таърихи тамаддуни умумифорсӣ мавқеъ доштани доираи адабии Ҳисорро аз аввали пайдо шудани адабиёти навини форсӣ-тоҷикии пас аз вуруди ислом бозгӯ намудааст. Ба ҳамин васила доираи адабии Ҳисор ва ҳамзамон Бухорои Шарқиро, ки марказаш Ҳисор буд муаррифӣ намудааст. Бевосита дар зери таъсири доираи адабии Бухоро ва Самарқанд будани на танҳо адабиёти водии Ҳисор, балки тамоми Бухорои Шарқиро дар асри 18-19 дар фишурда ба тарзи донишномавӣ баён намудааст. Ҳамзамон пас аз бозгӯ намудани мавқеи доираи адабии Ҳисор, бевосита ба ашъори сарчшмаи таҳқиқ нигоҳ намуда, дар асоси гуфтаҳои бузургони илму адаб андешаҳои худро баён намудааст. Дар ин радиф дар асоси ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ гӯшаҳои ногуфтаи адабиёти тоҷики асрҳои 18-19-ро таҳлил намудааст ва ин амал дар сарчашмашиносии навини тоҷики пас аз истиқлолият хеле зарур мебошад. Кор дорои аҳмияти назарӣ ва амалӣ буда, таърихи адабиёти як давраи тоҷикро дар як доираи адабии маҳаллӣ баррасӣ намуда, хонондаро метавонанд барои омӯхтани таърих ва таърихи адабиёти як гӯшаи дури Бухорои Шариф, роҳнамун созад. Рисола аз муқаддима, муҳити сиёсиву адабии водии Ҳисор дар асрҳои 18-19, шарҳи ҳоли Мирзо Ҳасрат, Таҳлили мавзӯоти ашъори Мирзо Ҳасрат иборат буда, ҳар боб дорои фаслҳои алоҳида буда, фаслҳо перомуни ин ё он раванди зиндагиву ашъори шоир баҳс менамояд. Масалан:

- муаллифи фишурда дар баррасӣ ба рӯзгори ва осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ то ҳадде андешаи бевоситаи худро дар қиболи гуфтаи адабиётшиносон баён намудааст, ки ин худ аллакай ҷӯянда ва пажӯҳанда будани ӯро бозгӯ менамояд.

Кор аз камбудиҳо низ орӣ набуда, дар баъзе ҷо дар мисолҳои оварди муаллиф хатоиҳо ба назар мерасад, ки онҳо ислоҳшаванданд, масалан:

**Баланди ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,**

**Сари селоб бар санг омад аз беҷо давиданҳо., ки аслаш ин аст:**

**Баланди ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,**

**Сар селоба санг омад, аз ин бечо давиданҳо.**

**Дар фишурда хатоҳои имлоӣ махсусан дар иқтибоси шеърҳо ба назар мерасад. Агар мисолҳо аз ашъори шоир дар кор бевосита, аз сарчашмаҳои худи даври шоир, яъне тазкираҳо, ҳамзамон боқимондаи ашъори шоир бо хатти классикӣ ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ бо хаттӣ лотинӣ пешниҳод мегашт хубтар мебуд ва хатоҳои имлоӣ ва мантиқи камтар ба назар мерасид.**

Бо вуҷуди ин рисола ба охиррасида маҳсуб ёфта, кор сазовори дифоъ аст. Мо ба Ҷӯраева Хубонгул Ёрмаҳмадова муваффақият хоста, гумон менамоем, ки ӯ ба ин кори иҷронамудаи худ қонеъ нагашта, онро дар асоси доираҳои дигари бурун аз пойтархти он замони тоҷикон Бухоро давом медиҳад.

**Муқарриз номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ Дӯстмурод Бобоев.**

Имзои / подпись Бобоев Д.

ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ

Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ

Тавқиев Э. Ш.

(имзо-подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ